Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 29 декабри соли 2006 № 778

тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои ташкил ва истифодабарии манбаъҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ**

1. Қоидаҳои мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ" таҳия карда шуда, шартҳои асосии ташкил, нигоҳдорӣ, истифодабарӣ ва пуркунии манбаъҳои захираҳои моддиро барои рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ (минбаъдҳолатҳои фавқулодда) муайян месозад.

2. Манбаъҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда пешакӣ бо мақсади ба таври таъҷилӣ ҷалб намудани воситаҳои зарурӣ дар ҳолати ба амал омадани ҳолатҳои фавқулодда, аз маводи хӯрока ва озуқаворӣ, амволи тиббӣ, доруворӣ, воситаҳои нақлиёт, алоқа, масолеҳи бинокорӣ, сӯзишворӣ, воситаҳои ҳифзи фардӣ ва дигар захираҳои моддӣ таъсис дода мешавад.

3. Барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда манбаъҳои захираҳои моддии зерин ташкил карда мешаванд:

- манбаи захираҳои моддии ҷумҳуриявӣ дар таркиби манбаи моддии давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- манбаъҳои захираҳои моддии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшои, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, бо қарори раисони вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

- манбаъҳои захираҳои моддии иншоот бо қарори маъмурияти корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо.

4. Манбаъҳои захираи моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар асоси навъҳо ва миқёси пешбинишавандаи ҳолатҳои фавқулодда, ҳаҷми корҳои эҳтимолӣ ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулодда, инчунин истифодаи бештару имконпазири қувва ва воситаҳои мавҷуда барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда ташкил карда мешаванд.

Номгӯй ва ҳаҷми манбаъҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда, инчунин назорат ҷиҳати ташкил, нигоҳдорӣ, истифодабарӣ ва пуркунии манбаъҳои номбурда аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони

Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, маъмурияти корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо мукаррар карда мешавад.

5. Манбаъҳои захираҳои модди барои рафъи холатҳои фавқулодда дар иншооти барои нигоҳдории онҳо таъингардида ҷойгир карда шуда, ин ба таври фаврӣ ба минтақаи ҳолатҳои фавқулодда бурда расонидани онҳо имконпазир аст.

6. Манбаъҳои захираҳои моддӣ барои рафъи холати фавқулолда хангоми гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир оид ба бартараф намудани хатар ба хаёт ва саломатии одамон, барои ташкил намудани таъмини нуқтаҳои муваққатии зисти шахрвандони зарардида, расонидани кӯмаки яквақтаинаи молддӣ ва дигар чорабиниҳои аввалиндарачаи вобаста ба таъминоти фаъолияти ҳаётии аҳолии зарардида истифода мешаванд.

7.Маблағгузории хароҷот ҷиҳати ташкил, нигоҳдорӣ, истифодабарӣ ва пуркунии манбаъҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавкулодда аз ҳисоби маблағҳои зерин сурат мегирад:

- маблағхои макомоти ҳокимияти иҷроияи чумҳуриявӣ манбаъҳои захираҳои моддии мақомоти чумҳуриявии хокимияти ичроия;

- маблағҳои буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо - манбаъҳои захираҳои моддии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо;

- маблағҳои худи корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо - манбаъҳои захираҳои моддии ин корхонахо, муассисаҳо ва ташкилотҳо;

8. Кумитаи холатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ташкил, нигохдорӣ, истифодабарӣ ва пуркунии манбаъҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда роҳбарии методиро амалӣ